# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи “Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника пешниҳод шудааст**

Дар соҳои охир таваҷҷуҳ ба масъалаҳои ҳифзи гуногунии биологии организмҳои зинда ҳамчун таъминкунандагони ҳаёт дар биосфера зиёд гаштаст. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои муҳими муосир ин омӯзиш ва ҳифзи гуногунии олами наботот ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Мирсабуров Ш.М. яке аз вазифаҳои муҳими ҳифзи захираҳои табиӣ ва истифодабарии оқилона буда, барои ҳалли масъалаҳо ҷамъоварии маълумотҳои флористикӣ ва омӯзиши ҳолати имрӯзаи растаниҳо зарур мебошанд. Таҳқиқоти флористикӣ яке аз марҳилаҳои аввалини ҳалли масъалаи ҳифзи олами наботот ва нигоҳ доштани генофонди олами наботот мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯй актуалӣ буда, дар он бори аввал омӯзиши обсабзҳои сабзи ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон гузаронида шудааст, ки то ҳол оид ба ин мавзӯъ таҳқиқоти муфассал гузаронида нашудааст.

Сохтори рисолаи номзадӣ аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 142 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шудааст. Дар рисола 12 расм, 27 ҷадвал ва як замима ҷой дода шудаанд. Рӯйхати адабиёт 138 манбаъро дар бар мегирад, ки 12 манбаъ бо забонҳои хориҷӣ мебошанд.

Мақсади таҳқиқот ин омӯзиш ва муайян намудани хусусиятҳои экологӣ, таснифотӣ, флоравӣ ва паҳншавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон мебошад.

Навгониҳои илмии бадастомадаи унвонҷӯ ин нахустин маротиба обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон омӯхта шуда, гуногунии биологӣ, таркиб ва сохтори алгофлораи онҳо пешниҳод карда шудааст.

Аз натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф маълум шудааст, ки дар асоси коркарди маводҳои ҷамъовардашуда рӯйхати умумии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ тартиб дода шуда, таснифоти онҳо муайян гардид, ки 195 намуд ва зернамудро дар бар мегиранд. Аз ин шумора 31 намуд ва зернамудашон бори аввал дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ва 12 намуд ва 6 зернамуд ҳамчун бозёфтҳои нави флоравӣ барои Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.

Дар диссертатсия яке аз қисмати муҳим ин таҳлили муқоисавии флораи обсабзҳои сабзи ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон бо флораи дигар минтақаҳо мебошад. Унвонҷӯ муқоисаи оилаҳо ва авлодҳои аз ҷиҳати шумораи намудӣ бартаридоштаро бо обсабзҳои сабзи дигар обҳавзаҳои бузурги Тоҷикистон ва минтақаҳои Осиё гузаронидааст, ки аҳамияти калони илмӣ дорад. Дар байни минтақаҳои муқоисашаванда аз рӯйи ҷойгиршавии авлодҳои бартаридоштаи обсабзҳои сабз Тоҷикистони Шимолӣ бо Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Туркманистон монандии бештар доранд, ки ин аз монанд будани релефи минтақа, таркиби гидрологӣ ва гидрохимиявии обҳои таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад.

Рисолаи номзадии унвонҷӯй Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника пешниҳод шудааст таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст.

Аз рӯи мубрамии худ мавзӯъ, мақсад, вазифа, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани натиҷаҳои диссертатсия мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника сазовор аст.

Декани факултети Химия ва биология

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдӯллоҳи Рӯдакӣ, н.и.х., дотсент: Исуфов Д.С.

735360, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16
Тел.:+ (992) 918747460;
E-mail: dilshod.19.77@mail.ru

Имзои Исуфов Д.С-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсусӣ

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

12.12.2022